# 9142 - Ӯ ният дошт, ки ба писараш як номеро гузорад, оё агар ин номро тағйир бидиҳад, бар ӯ ягон чизе воҷиб мешавад?

## савол

Бародарам фарзанддор шуд. Пеш аз таваллуд шуданаш ният дошт, ки ӯро Абдулматин ном гузорад. Лекин пас аз таваллуд, падарам ғазабнок шуд ва аз ӯ дархост намуд, ки ба навзод номи дигаре гузорад. Чӣ коре анҷом диҳад? Ман шунидаам, ки агар чизеро ният бикунӣ ва онро анҷом надиҳӣ, дар ин ҳолат бар ту воҷиб аст, ки се рӯз рӯза бигирӣ, ё мискинонро ба муддати якчанд рӯз таом бидиҳӣ.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Нияте, ки дар дохили нафс аст, қасам ё назр намебошад. Бинобар ин, агар бародарат ба хотири розигӣ ва эҳтироми падар, писарашро бо номи дигари некӯе номгузорӣ кунад, бар ӯ ҳеҷ чизе (каффорате) воҷиб намегардад